НУРУ НЕРӮ ДАР ВАТАН АФЗУН ШАВАД,
ШУҲРАТАШ ОВОЗА БАР ГАРДУН ШАВАД.

# НУРАФШОН

14-марти соли 2015 №2(2)

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**ИХТИСОС ВА РАМЗИ ДЭТ**

САХ 2-3

**ИСТИҚБОЛИ БАҲОР**



САХ-4.

**Наврӯз дар осори Абӯрайҳони Берунӣ**



САХ- 5

НАВРӮЗ-МАҲБУБТАРИН ҶАШНИ МАРДУМӢ



САХ 6




**Ба муродаш ҳама дилдода расад,**

**Ба ҳама бахти ҳудодода расад,**

**Ҳама дар анҷумани Наврӯз аст,**

**Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.**

## ПАЁМИ ТАБРИКОТИИ РЕКТОРИ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН ХАЙРУЛЛО НАЗАРОВ БАХШИДА БА ҶАШНИ НАВРӮЗ

***Устодон, шогирдон ва ҳамкоронии гиромӣ!***

Ба кишвари биҳиштосо нозанину дилрабои мо боз баҳори гулрезу мушкбез фаро расидааст ва ҳамагон бо рӯҳи болидаву дилҳои пурфараҳ ҷашни Наврӯзи ҷаҳонафрӯзро таҷлил менамоянд. Воқеан, Наврӯз сазовору арзанда ба ҳама гуна тантанаву бузургдошт аст ва аз ин лиҳоз ҳануз садсолаҳо қабл аз ин абармардони хиратсолори мо таъкид кардаанд: « Ҳар кас ки Наврӯзро ба таври шоиста таҷлил, намоянд тамоми сол ба хуррамию нишот бипайванданд».

Баъд аз ин восита дар давраҳои гуногуни ҳукумронии шоҳону сулолаҳои мухталиф ин ҷашни бошукӯҳ ҷашн гирифта мешуд. Маҳз пос доштани урфу одат ва анъаноти гузаштагони миллати куҳанбунёд буд, ки бо пешниҳоди Сарвари кишвари мо соли 2010 Наврӯз мақоми байналмилалиро гирифту ҷаҳони гашт. Акнун бо қарори СММ ин ҷашнро мардумони тамоми сайёра ҷашн мегиранд.

Бояд гуфт, ки дар тӯли садсолаҳо Наврӯз ва ойину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои ҳукумрон борҳо ба тағйиру дигаргуниҳо мувоҷеҳ шудааст ва мардуми тоҷику халқҳои дигари эронӣ дар ҳама давру замонҳои душвору пур аз ҷангу офат аз таҷлили ин ҷашни зебои ниёгони худ даст накашидаанд.

Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва густурдатарин идҳои мардуми мо буда, умри беш аз панҷҳазорсола дорад. Тавре ки аз номи он бармеояд, Наврӯзро маънӣ «рӯзи нав» дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад.

Ба ин муносибат таманнои онро дорам, ки дар хонадони ҳар кадоми шумо бахту саодат, сулҳу салоҳ, шодию нишот пойдор бошад ва кулли ниятҳои некатон ҷомаи амал бипӯшад. Наврӯзи бошарофат ба манзилу ба коргоҳи шумо файзу баракат эҳдо намояд ва мусоидат ба пирӯзиҳои навинатон бикунад.

***Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад,***
***Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!***

| № | Ихтисосҳо | Шуъбаи рӯзона | | шӯъбаи гоибона |
|---|---|---|---|---|
| | | ройгон | пулакӣ | пулакӣ |
| 1 | 430101-Нерӯгоҳҳои баркӣ | + | + | + |
| 2 | 430102-Низом ва шабакаҳои энергетики баркӣ | + | + | |
| 3 | 430103-Таъминоти барқ | + | + | + |
| 4 | 430105-Манбаҳои барқароршаван даи ғайрианъанавии энергия | + | + | |
| 5 | 430107-Истифодабарии техникии таҷҳизотҳои барқии муассиса | + | + | |
| 6 | 530104-03-Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ | + | + | |
| 7 | 530104-05 Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия | + | + | |
| 8 | 530105-автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ | + | + | + |
| 9 | 700401-01-Сохтмони гидротехникӣ | + | + | |
| 10 | 700401-03-Сохтмон ва истифодабарии неругоҳҳои обию барқӣ | + | + | |
| 11 | 270101-10 – Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | + | | + |

### Ихтисоси:1-430102 «Шабакаҳо ва низоми энергетикаи электрикӣ»



Шабака ва низоми энергетикӣ гуфта маҷмӯи нерӯгоҳҳои барқ, шабакаҳои барқу гармӣ, дастгоҳҳои истеъмолкунандагони энергияи электрикӣ ва гармиро мегӯянд, ки бо ҳам бо умумияти речаи истеҳсол, интиқол, тақсимот ва истеъмоли энергияи электрикию гармӣ алоқаманд мебошад.

Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - энергетик” дода мешавад.

### Ихтисоси: 1-430103 «Таъмини барқ»



Системаи таъминоти барқи корхонаҳои саноатӣ зерсистемаи системаи энергетикӣ буда, таъминоти комплексии истеъмолкунандагони саноатӣ, нақлиёт, хоҷагии коммуналӣ ва кишоварзиро бо энергияи барқ бар уҳда дорад.

Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - энергетик” дода мешавад.

### 1-430107- «Истифодабарии техникии таҷҳизоти барқии муассиса»



Корхонаҳои ҳозиразамони саноатӣ бо таҷҳизотҳои муосири барқӣ ба хотири паст намудани хароҷотҳои истеҳсолиашон таҷҳизонида шудаанд, ки он истифодаи дурусту сарфакоронаи энергияи барқ ва гармиро талаб менамоянд.

Мутахассисони ин ихтисос дар самти интиқол, тақсимот ва истифодабарии на танҳо нерӯи барқ, балки энергияи гармӣ низ кору фаъолият менамоянд.

### 1-530105 - Автоматонии ҳаракатоварандаҳои барқӣ



Ҳаракатоварандаҳои барқии автоматикунонидашуда системаҳои электрикӣ буда, аз қисмҳои муҳаррики электрикӣ, табдилдиҳӣ, таҳвилдиҳӣ ва идоракунӣ иборат мебошанд. Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - барқчӣ” дода мешавад.

### 1-530104-03 « Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ»




Муҳофизати релеӣ қисми зарууртарини автоматикаи дастгоҳҳои электрикӣ ва системаи энергетикӣ буда, барои муҳофизат аз оқибатҳои хатарноку реҷаҳои ғайримуътадил хизмат мекунад.

Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - автоматонӣ” дода мешавад.

### 1-530104- 05 «Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия»




Идораи фаврии системаҳои энергетикӣ аз ҷониби хадамоти танзимгарӣ амалӣ мегардад, ки он дар асоси ҳисобҳо реҷаи муфиди нерӯгоҳи барқ ва шабакаҳоро дар шароити мӯътадил ва садамавӣ таъмин мекунад. Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - энергетик” дода мешавад.

### Ихтисоси 1-700401- 01 «Сохтмони гидротехникӣ»



Иншоотҳои гидротехникӣ бо таъинот ва шароитҳои гуногун ба монанди шароитҳои геологӣ, гидрогеологӣ, гидрологӣ ва иқлимии маҳали сохтмон, бунёд карда мешаванд.

Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - сохтмончӣ” дода мешавад.

### 1-700401-03 «Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ»



Сохтмони гидротехникӣ яке аз соҳаҳои мураккаби сохтмонҳои асосӣ ба шумор рафта, барои истифодаи маҷмӯи захираҳои обӣ дар соҳаҳои энергетика, обёрӣ, обтаъминкунӣ ва моҳипарварӣ истифода мешаванд.

Мутахассисони ин ихтисос дар сохтмонҳои гидроэнергетикӣ, шаҳрвандӣ, саноатӣ, роҳу пулсозӣ, сохтмони нақбҳо ва обанборҳо ҳамчун муҳандиси соҳа фаъолият менамоянд.

Ихтисоси мазкур дар ҳудуди кишвар ягона буда, ба хатмкунандагон дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - сохтмончӣ” дода мешавад.

### Ихтисоси 1-270101-10 «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика)»




Дар замони муосир бе истеҳсол ва истифодаи нерӯи барқ ҳаёти инсон ва тараққиёти босуръати иқтисодиётро тассавур кардан ғайриимкон аст. Мутахассисони соҳа ба фаъолияти касбӣ тайёр карда шуда, идоракунии оқилонаи иқтисодиёт, истеҳсолот ва рушди иҷтимоии корхонаҳоро новобаста аз шакли ташкилию – ҳуқуқиашон амалӣ месозанд. Онҳо на танҳо дар соҳаи энергетика, балки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ метавонанд ба сифати муҳандис, иқтисодчӣ, муҳосиб, мутахассиси пешбар кору фаъолият намоянд. Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - иқтисодчӣ” дода мешавад.



### Ихтисоси:1-430101 «Нерӯгоҳи электрикӣ»



Нерӯгоҳи барқ гуфта корхона ё дастгоҳеро мегӯянд, ки барои истеҳсоли энергияи электрикӣ ба кор бурда мешавад. Зеристгоҳҳои барқ дастгоҳҳое мебошанд, ки барои табдил ва тақсими энергияи электрикӣ истифода мешаванд.

Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - энергетик” дода мешавад.

### 1-430105 -05 «Манбаъҳои баркароршавандаи ғайрианъанавии




Инкишофи энергияи ғайрианъанавӣ дар системаи таъминоти энергия дар ҷаҳони имрӯза самти хеле ҳам муҳим мебошад. Ба манбаъҳои ғайрианъанавӣ энергияи офтоб, бод, геотермалӣ, мадду ҷазр, массаи биологӣ (растаниҳо, намуди партовҳои гуногуни органикӣ), энергияи хурдимкони муҳити атроф ва НБО-ҳои хурд мансуб мебошанд. Ба хатмкунандагони ихтисоси мазкур дипломи дараҷаи бакалавр ва тахассуси “Муҳандис - электрик” дода мешавад.

## ХУСУСИЯТУ АНЪАНОТИ «ҲАФТ СИН ВА ҲАФТ ШИН»



Дар айёми ҷашни Наврӯз дар саросари ҷумҳурӣ, дар мактабҳову донишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ ва ғайра барои пазироии соли нави тақвими суннатӣ маҳфилҳову маъракаҳои хурсандӣ барпо мекунанд. Яке аз унсурҳои ҷашни Наврӯз оростани суфраи «ҳафт шин» ё «ҳафт син» мебошад, ки дар бисёр базмгоҳҳо барои намоиш гузошта мешавад. *Мо* дар солҳои қаблӣ шоҳиди он будем, ки донишҷӯёну мактаббачагон ба суфраи мазкур ҳар ғизое, ки номаш бо харфи «с» ва «ш» оғоз мешавад, мениҳоданд. Дар суфраи «ҳафт син» баъзан сабзӣ (зардак), сок (нӯшоба) ва монанди инҳо дар хони «ҳафт шин» шакароб, шоколад ва он чизҳое мегузоштанд, ки ба ҳеҷ анъана рост намеомад. Бинобар ин, мо дар ин мақола хостем, ки ба воқеияти суфраи идонаи «ҳафт син» ва таъриху рамзҳои он равшанӣ андозем.

Оростани хони наврӯзии «ҳафт син», аз суннати бостонии эрониён аст. Ба хони «ҳафт син» ҳафт ашёи бо ҳарфи арабии «син» шурӯъшаванда гузошта мешавад, чунончӣ, сабза, сир, себ, суманак, санҷид, сипанд ва сирко ниҳода мешаванд.

Тибқи ақидаҳои олимон ба хони «ҳафт шин» ҳафт неъмате гузошта мешавад, ки номи онҳо бо ҳарфи арабии «шин» оғоз мегарданд, яъне «ҳафт шин» аз инҳо иборат аст: шир, шакар, шамъ, шароб, шарбат, шамшод ва шаҳд.

Донишмандону фарҳангшиносон кӯшиш кардаанд, ки рамзи ҳар яке аз ин ашё ва неъматҳои табиатро шарҳ диҳанд ва алоқаи мардумро ба онҳо маънидод кунанд. Масалан, шир рамзи сапедии ҳаёт, рамзи покӣ, сулҳу осоиш, сабза хуррамию сарсабзии табиат, себу санҷиду сир – ғизоҳои солим ва ҳоказо.

Таъбири «ҳафт син» ин расм дар оғоз тақрибан чунин буд, ки дар ҳафт табақ хуришу ашёи рамзӣ гирифта, дар суфраи наврӯзӣ мегузоштаанд. Шумораи «ҳафт» дар фарҳанги мардумони эронитабор муқаддас ва серистеъмол аст.

Бояд гуфт, ки шумораи ҳафт ҳамчун миқдори муқаррарии ашё ва ё ғизо дар аксари суфраҳои наврӯзӣ намудор мешуд. Дар Эрони бостон қабл аз фаро расидани Наврӯз ба истиқболи ин ойини бузурги миллӣ суфраи наврӯзии худро бо ҳафт гулу гиёҳ ва сабза, ҳафт хӯша ё донаи аз хубубиёти мухталиф, ҳафт сиккаи сафеди нуқра, як шохаи гули судоб, дар дохили ҳафт табақи сафолии сафед, ки ба тарзи зебое чида шуда, бо ҳафт шоха аз дарахтони анор, бихӣ, бодом, булут, зайтун, ва себ таъин менамуданд.

Дар асрҳои гузашта дар байни мардуми тоҷик дар айёми Наврӯз дар дастархонҳои идона гузоштани ҳафт мева маъмул буд. Тавре ки куҳансолон нақл мекунанд, то солҳои 1950-ум дар деҳоту шаҳрҳои тоҷикнишин дар ҷашни Наврӯз дастархонҳои наврӯзиро бо ғизоҳои гуногун оро медоданд. Дар суфраи бисёр хонаводаҳо дар табақҳо ҳафт навъи мева мегузоштанд. Ба дастархони ҳафтмева инҳо дохил мешуданд: анор, себ, нок, ангур, чормағз, бодом ва ғулинг ё зардолуи хушк. Баъзеҳо мувофиқи имконашон ба ҷойи баъзе аз инҳо меваҳои дигарро ба мисли пиставу тутмавиз ва ғайра мегузоштанд. Барои онҳо муҳим набуд, ки номи кадом мева бо кадом ҳарф шуруъ мешавад ва махз меваҳои муайянро интихоб намекарданд. Ҳар хонадон мувофиқи имкону шароит суфраи идона меорост. Аз нӯшокиҳо ғулингоб хеле маъмул буд ва имрӯзҳо низ он аз нӯшокиҳои барои тандурустӣ хеле қавӣ ва судманди дастархони тоҷикон аст.

Мардуми тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу осоиштагӣ, осмони соф ва кӯшоиши кор шумурда, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки ҳар чи бештар ин ранг дар айёми Наврӯз ба назарҳо расад. Аз гӯшти ҷонварон, асосан, мурғ ва моҳиро рӯи дастархон мениҳоданд, ки сафедранг ҳастанд.

**Зулайхо Ғафурова, саромӯзгори кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»**

## ИСТИҚБОЛИ БАҲОР

### <u>Лоиқ Шералӣ</u>

**Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ,**
**Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ.**

**Тозакориҳотро қурбон шавам,**
**Мисли ҳар соҳибҳунар шод омадӣ.**

**Дар дилам карди назар бо чашми гул,**
**Гулҷамолу гулназар, шод омадӣ.**

**Аз қадамҳоят дилам гул мекунад,**
**Эй аруси раҳгузар, шод омадӣ.**

**Дар раҳи ҳар майсаат маҷрои ризқ,**
**Баҳри абнои башар шод омадӣ.**

**Дар лаби ҳар ғунча оварди паём,**
**Аз саховат, аз самар, шод омадӣ.**

**Дар канорат мебарад инсон ба сар,**
**Як дами бе дарди сар, шод омадӣ.**

**Эй биё, гул гуфтаву гул бишнавем,**
**Гул ба домон, гул ба сар, шод омадӣ**

## БАҲОР БИЁ

Баҳор ин қадар омаданатро интизорам, амсоли ошиқони беқарор. Охир ту бо омаданат ба дилҳо шӯру валвалае пайдо месозӣ, ки дар тасвираш ману қалам оҷизем.

*** *** *** ***

Зебоиҳо, ҳусну латофатро ба мо занон фасли баҳор ато намудааст. Чун дар фасли баҳорон ба дашту саҳро назар медӯзӣ, хаёлан худро дар байни ҷавондухтароне мебинӣ, ки куртаҳои рангоранг ба бар кардаанд.

*** *** *** ***

Баҳор эй фасли зеботарини сол биё, ки омаданатро хурду бузургон нигарон буданд. Биё то бо омаданат файзу нишотро бароямон арзонӣ дорӣ. Биё, ки бе ту зиндагӣ якрангиро дар худ таҷассум намудааст. Бошад, ки бо қадами муборакӣ ту ҷӯшу хӯруши дилу беқарории он гармии зиндагониро эҳсос намояд…….

***Назарова Назира Саидқодировна саромӯзгори кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот»***

## Иди Наврӯз дар осори Абӯрайҳони Берунӣ

Наврӯз (форсӣ: نوروز, курдӣ: Newroz) — Иди баҳор ва чашни Наврӯз яке аз маросимҳои қадима ва анъанавии мардуми эронинажод, аз ҷумла тоҷикон (баъдтар дар байни дигар халқҳои ғайриэронӣ низ расм шудааст), ки ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ-1-уми аввали ҳамал ё 21-уми марти солшумории милодӣ рост меояд. Наврӯзро дар баъзе ноҳияҳо "Иди сари сол" низ меноманд. Тақрибан 3 ҳазор сол қабл Наврӯз марбути кори деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ёфтааст. Таърихи ташаккули Наврӯз бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста аст.

Пайдоиши Наврӯз мувофиқи маълумоти Абурайҳони Берунӣ низ таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад. Абурайҳони Берунӣ яке аз донишманд ва олими машҳури қарни даҳум буда, дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бини Яҳё навиштааст, ки «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст» ва дар китобаш «Ал-тафҳим» менигорад, ки «нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст». Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд. Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-тафҳим» овардааст, ки «Чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динҳо аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, ид гирифт, агарчи пеш аз он ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд». Ҳамчунин дар ҷои дигари ин китоб чунин овардааст, ки «Наврӯз нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав ном карданд». Бояд зикр намуд, ки мувофиқи маълумоти хондашуда аз осори Абурайҳони Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ин донишманд, ба таври густурдае дар бораи чашн гирифтани Наврӯз сухан мегӯяд ва дар таҳқиқоти хеш барои шинохти рамзу рози оинҳо ва маросимҳои гуногун, на танҳо ганҷинаҳои куҳанро дарёфт намудаву дарҳои онҳоро ба рӯи хонандагони асари гаронбаҳояш мекушояд, балки аз амалнамоӣию суннатҳои дерина дар рӯзгори худ низ, хабар медиҳад. Чун анъанаҳои қадима дар тамоми қаламрави давлатҳои мусулмонӣ аз ҷумла дар Тоҷикистон рӯзҳои 21-22 март Иди Наврӯзро чашн мегиранд. Дар Эрон 21 март, кишварҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз, рӯзи 22 март дар Қазоқистон чашн мегиранд.

**Хайруллозода Абдулазиз, омӯзгори Коллеҷи тиббии ш.Қӯрғонтеппа.**

## ҲАМА ДАР ПИРАҲАНИ НАВРӮЗ АСТ, ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ.

Наврӯзро инчунин дар адабиёти китобӣ қариб ҳамаи шоирони форсу тоҷик, сар карда аз устод Рӯдакӣ то ба шоирони муосири тоҷик васфу тасвир кардаанд. Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан шоире нест, ки дар мавриди ин чашни зебои ниёгон шеъре нагуфта бошад. Наврӯз аз маъруфтарин ва маҳбубтарин чашнҳои мардуми тоҷик ва дигар халқҳои эронитабор ба шумор меравад.



Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму ойине чун чашни хуҷастапай ва фархуидаи Наврӯз азизу арҷманд нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму ойин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад.

Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва густурдатарин идҳои мардумони эронитабор буда, умри дарози беш аз панҷҳазорсола дорад. Тавре ки аз номи он бармеояд, Наврӯз «рӯзи нав» маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ ба истиқболи соли нав барпо мешавад. Наврӯз чашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад. Аз нигоҳи ҳисоби ситорашиносӣ, Наврӯз рӯзест, ки офтоб ба бурҷи барра (ҳамал) ворид мешавад ва дар ҳамон дақиқаву сонияе, ки ворид шуд, соли нав фаро мерасад.

Дар таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, тахти фасли 49, ки унвони "Фарҳанги ҷаҳон"-ро дорад, қарорномаи "Рӯзи ҷаҳонишавии Наврӯз" ба тасвиб расид. Он бо пешниҳоди кишварҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва Туркманистон мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Дар қарорнома гуфта мешавад, кӣ ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил гардад.

Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои мардумони эронитабор, аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад, ки ба фарҳанги Қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ таъсири мусбӣ расонидааст. Ҷашни Наврӯз нишебу фарозҳои таърих, ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиҳои зиёдеро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидааст.

Роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин чашни куҳанбунёд дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва бадеӣ маълумотҳои зиёд зикр гаштаанд, ки донишмандони тоҷику эронӣ ва хориҷӣ дар асоси онҳо рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Маълумотҳои мустақим ва пураҳамиятро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-махосин вал аздод»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ба иттифоқ Ҷамшеди пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд.




Таҷлили ҷашни Наврӯз дар даврони хукуматдории Сомониён бо шукуҳи тоза идома ёфтааст, ки дар ин бора донишмандон дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ ёдовар шудаанд.

Шоирони забардасте чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Дақиқӣ оид ба ҷашни Наврӯз бо меҳру муҳаббат сухан гуфтаанд ва тасвири зебоии баҳорро ба қалам додаанд.

Дар тули садсолаҳо Наврӯз ва ойину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои ҳукмрон борҳо ба тағйиру дигаргуниҳо мувоҷеҳ, шудааст ва мардуми тоҷику халқҳои дигари эронӣ дар ҳама давру замонҳои душвору пур аз ҷангу офатҳо аз таҷлили ин ҷашни зебои ниёгони худ даст накашидаанд.

**Маъруф Камолов, донишҷӯи бахши аввали гурӯҳи 430103**

# НАВРӮЗ-МАҲБУБТАРИН ҶАШНИ МАРДУМӢ

**Суманакпазӣ.** Суманак навъе аз хӯриши наврӯзи аст, ки аз сабзаи гандум пухта мешавад. Худи сабза рамзи эҳёи табиат ва зебогию осоиштагии ҳаёт ба шумор меравад.



Тарзи таҳияи сабза ва пухтани суманак дар байни мардуми тоҷик чунин буд. Гандумро се рӯз дар оби чӯй ё оби борон тар карда мемонданд. Вақте, ки гандум неш мебаровард, онро гирифта дар табақе ҳамвор мегузоштанд ва рӯяшро бо докаи тоза мепӯшонданд. Рӯзе, ки борон меборид ба берун мебароварданд ва пас аз борон оби зиёдатиашро полонида, боз бурда ба хонае, ки бегона ба он ҷо надарояд, мегузоштанд. Вақте ки гандум сабз шуд, бояд ҳеҷ қас онро набинад, зеро ки «пай» меафтад. Ё худ дар вақти пухтан кӯшиш мекарданд, ки ягон каси нопок ба болои дег наояд, зеро пай меғалтид ва суманак дар дег парак-парак садо мебаровард ва аз дег заррахои суманак берун мепарид, ки рафта рафта маҳсули дег кам мешуд. Одамон дар ин гуна ҳолат мегуфтанд, ки суманак дар дег намеистад, пай ғалтидааст, чашми кадом нопок расидааст.

Рӯзи муайяни суманакпазӣ се-чор нафар занҳои ҳамсоя бо машварат дар хонаи яке аз ҳамсоягон ҷамъ мешуданд. Маъмулан онҳо бегоҳӣ ҷамъ мешуданд ва суфраеро боз карда, сабзаҳоро мегузоштанд, онҳоро зиёрат мекарданд, сипас ояте аз Қуръони карим тиловат карда, дар ҳаққи Пири Пухта[гар] дуо мехонданд ва сабзаҳоро мебуриданд. Дар бегоҳии рӯз сабзаҳои порашударо ба дег меандохтанд, то чашми касе бегона набинад, то ки пай наафтад.

Баъдан занҳо ба таги дег оташ меафрухтанд ва бонавбат дегро бо кафча ё кафгир мекофтанд. Дар дег ҳафт адад сангча меандохтанд, ки рамзи бобаракат шуданро ифода мекард. Онҳо дар назди оташ нишаста, барои хобашон набурдан афсонагӯӣ, чистонёбӣ ва сурудхонӣ мекарданд. Дар аксари маҳалҳо, ҳангоми суманакпазӣ мардонро ба назди дег роҳ намедоданд, ки суманакро лаззаташ гум мешавад. Дар деги суманак ҳафт дона чормағз ва баъзан ҳафт сангча меандохтанд, ки он ҳафт фаришта ва ҳафт табақаи осмонро ифода мекард. Шаби суманакпазӣ занҳо намехобиданд. Таомҳои гуногун пухта, вақти худро хуш мегузарониданд. Аз аввали шаб то субҳ даф зада, рақсу бозӣ ва таронасароӣ мекарданд. Рисолаи суманакро кадбону мехонд, дигарон бо қироати рисола бо таваҷҷуҳи зиёд гуш медоданд. Хонуме аз иштирокчиёни маросими «Суманакпазӣ» бихобад, занҳои шӯх ба рӯю абрувони ӯ сиёҳии дегро молида, ӯро мазоқ мекарданд ва билохир бедораш менамуданд.

Пеш аз дамидани субҳ оташи дегро хомӯш карда, болояшро бо латтаи тоза ё сарпӯш мепӯшониданд. Субҳи содиқ ҳамин ки хонумҳо ҷамъ омаданд, кадбону «Бисмилоҳир-раҳмони-раҳим, дасти ман не, дасти азизон» - гӯён сарпӯши дегро мебардошт, аввал як табақ барои аҳли масҷид мекашид ва боқимондаи суманакро ба аҳли маросим ва ҳамсоягону куҳансолони табаррук тақсим мекард.

Суруди маъруфи занҳои суманакпаз, ки ҳангоми пухтани ин ғизои рамзии Наврӯз бо доиранавозӣ ба тариқи умумӣ хонда мешавад, дар ин ҷо зикр мекунем.

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Суманак буи баҳор аст,
Суманак авҷу барор аст,
Мелаи шабзиндадор аст,
Иди Наврӯзӣ муборак!

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Суманак ширинии ёр аст,
Суманак аҷаб нигор аст,
Суманак зеби баҳор аст,
Иди Наврӯзӣ муборак!

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Занону духтарон ҳам сурудхонӣ, рақсу бозиҳо ва ҳазлу хандаҳо мекарданд. Зеро боваре ҳаст, ки соли навро агар бо хандаю хурсандию шодмонӣ пешвоз гирӣ, ҳамон сол пурра ба хуррамию шодӣ зиндагӣ хоҳӣ кард.

**Сайри наврӯзӣ**. Дар айёми Наврӯз мардумон ҷашни баҳорро дар боғу чаманҳо, лаби чашмаву рудхонаҳо, ки бо номҳои: «идгоҳ» ва ё «сайргоҳ» маъруф будаид, таҷлил мекарданд. Ин гуна идгоҳҳо дар Самарқанд мавзеи Оби Раҳмат, дар Бухоро - Чашмаи Аюб, дар Кӯлоб - Тамошотеппа, дар Ҳисору Хуҷанд ва Истаравшану навоҳии дигар лаби рудхонаҳо ва атрофи чашмаҳои маъруфу чойҳои хушобуҳаво интихоб шуда буданд. Ҷавонон бо рубобу дафнавозӣ ба рақсу бозӣ машғул мешаванд. Аз фурсат истифода бурда бисёр ҷавонон ба худ маъшуқа пайдо мекарданд. Духтарон низ бо нозу карашма дили ҷавононро об мекунанд. Дар ии рӯз бисёр ҷавонону духтарон ба якдигар дил мебанданд ва ҳамсарҳои ояндаи худро интихоб мекунанд.

**Гулгардонӣ**. Аз омадани Наврӯз пеш аз ҳама бачагон бо иҷрои аньанаи гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як ду ҳафта қабл аз Наврӯз як гурӯҳ шуда, ба куҳу пуштаҳо рафта, гулҳои баҳорӣ: бойчечак, сиёҳгуш ва гули зардакро чида, ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд. Соҳибхонаҳо гулҳоро буй кашидаву ба чашм мемоланд ва ба бачаҳо кулчаю қанду мавиз, дар баъзе чойҳо гандуму нахуд медиҳанд. Яке аз сурудхое, ки дар ин маросим месуруданд, ин аст.



Гул овардем ба меҳмонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ?
Агар донӣ, мусулмонӣ.
Баҳори нав муборак бод!

**Оштикунонӣ.** Ойини дигаре, ки аз замонҳои хеле қадим анъана шуда омадааст, оштикунонии қаҳриҳо мебошад. Дар оғози соли нав набояд касе бо касе қаҳрию ногап бошад. Маъмулан одамони калонсол дар байн даромада, шахсони ба ҳам қаҳриро оштӣ мекунонданд. Ин ойин ҳоло ҳам дар байни мардуми Яғноб роиҷ аст.

**Бозиҳои варзишӣ**. Як бахши ҷашни Наврӯзро бозиҳои суннатии варзишӣ ташкил медиҳад. Дар айёми Наврӯз мусобиқоти пахлавонон дар намудҳои гуштингирӣ, аспдавонӣ, пойгаҳ (давидан), бандкашӣ, чавгонбозӣ (дар Яғноб, Бадахшон), аммо аз ҳама мусобиқаи маъмултарини наврӯзӣ ин гуштингирӣ аст, ки хеле паҳн шудааст. Дар ҳамаи деҳаю шаҳрак ва шаҳрҳои калон мусобиқоти наврӯзии гуштингирӣ барпо мегардад. Қабл аз ҳама ду муйсафед чун рамз ба майдон меоянд ва бо рақсу бозӣ гирди майдон чархзанӣ мусобиқаро оғоз ва некфол мегардониданд. Ба ғолибон туҳфаҳое ба мисли ҷома, қолину палос, телевизору видеомагнитофон, мошини сабукрав, гӯсфанду барзагову асп аз тарафи созмондиҳандагон - хукуматҳои маҳаллӣ тақдим карда мешавад.

Ба ғайр аз гӯштин, дар деҳаҳо мусобиқаву бозиҳои тухмҷанг, хӯрусҷанг, кабкҷанг, чиликандозӣ, дастхобонӣ ва монанди инҳо барпо мешавад. Ҳар касе, ки ҷонвараш ё тухми мурғаш пирӯз мешуд, моли мағлуби ҳарифро мегирад.

**Бузкашӣ.** Як навъи варзишии маъмул буда, дар айёми Наврӯз ботантана барпо мешавад. Ин мусобиқаи халқӣ дар байни халқҳои гуногуни Осиёи Марказӣ вассъ паҳн гаштаасг. Дар баробари бузкашӣ бо асп навъи дигари мусобиқа - харкашӣ ё Нарбузкашӣ низ дар байни мардуми Қаротегину Дарвоз, Кӯлоб, Тавилдара ва ғайра маъмул буд, ки бештар ҷавонон ба он майл доштанд. Онҳо ба ҷои буз пусти



онро ё умуман ягон пусти ҳайвонро дар бозӣ истифода мебурданд.

Дар баъзе минтақаҳо мусобиқаи пиёдакашӣ низ гузаронида мешуд. Ҷавонмардони пурқувват ба ду даста тақсим шуда, талош мекарданд, ки пораи матои ду-се метрaро ба даст оваранд.

**Хонабуророн.** Мардум як ҳафта пеш аз фарорасии Наврӯз курпаву палосҳоро аз хона берун бароварда, хонаро руфтаю тамиз мекунанд, кӯрпахою пардаҳоро мешӯянд ва хушбӯй мезананд. Тамоми лавозимоти манзилашонро офтоб дода метаккониданд. Девори хонаҳоро сафед намуда, тозаву озода месозанд. Дегу зарфҳоро шуста, тоза мекунанд. Зеро хонаву дари тоза рамзи соли наву иқболи нав аст. Мардум бовар доранд, ки агар соли навро дар хонаи тозаву ороста пешвоз бигирӣ, ҳамон солро бо хушу хурсандӣ мегузаронӣ.

**Таронаҳои Наврӯзӣ.** Дар байни мардуми тоҷик рубоиву сурудҳои зиёди наврӯзӣ вуҷуд доранд, ки асосан дар айёми Наврӯз суруда мешаванд. Яке аз ғояҳои асосии рубоиву таронаҳои Наврӯзӣ ин муқобилгузории фаслҳои зимистону баҳор мебошад. Мардум бо рафтани зимистон ва омадани баҳор ва иди Наврӯз шодию хуррамӣ мекунанд, аз ин хотир ҷашни Наврӯз дар таронаҳои мардуми бо оғози баҳор ва як навъ озодӣ айният дорад:

Наврӯз расиду шоду хуррам гаштем,
Аз рафтани дай ҷумла беғам гаштем.
Дидему шунидем сад меҳнату ғам,
Охир ба гули баҳор ҳамдам гаштем.

Дар рубоии дигар гӯянда дар ғурбату меҳнат афтодааст ва бо ҳасрату ормонхо ёди ёру диёр кардааст.

Рӯзи Наврӯз асту булбул дар чаман,
Аз фироқи баргу гул гӯяд сухан.
Ҳар саҳар мо ёди ёрон мекунем,
Синамон сад чок аст бахри Ватан.

Дар як қатор рубоиҳо зебогиҳои фасли баҳору Наврӯзи хуҷастафол тавсифу тасвир гашта, шодию нишоти гӯяндагон ва умуман кулли мардум баён шудаанд.

Фасли Наврӯз аст, айёми баҳор,
Гул шукуфту гашт олам лолазор.
Дашту саҳро сабзу хуррам гаштааст,
Аз насими соф, ҳавои беғубор.

**Парвиз Мирзоев, омӯзгори кафедраи “Фанҳои гуманитарӣ”**

# «Бухорои Шариф» -аввалин рӯзномаи тоҷикӣ

**Бахшида ба рӯзи матбуоти тоҷик**

Аз рӯзи таввлиди нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф», ки 11 марти соли 1912 дар матбаи шаҳри Когон-Бухорои Нав ба нашр расида буд, зиёда аз як қарн сипарӣ гардид .Дар ин муддат матбуоти даврии тоҷикӣ ва соҳаи рӯзноманигорӣ роҳи пуршараферо тай намуд. Кунун, бо фаро расидани даҳсолаи дувуми қарни 21, мо метавонем бигӯем, ки журналистикаи тоҷик аз як рӯзнома то ба системаи томи воситаҳои ахбори омма сабзида расидааст. Аммо то пайдоиши нахустин рӯзномаи тоҷикӣ тараққихоҳону ислоҳталабони тоҷик корҳои душвори сангинеро паси сар карданд ва муборизаҳои тӯлоние бурдаанд, то ин ки ба таъсис ва чопи нашрияи миллӣ муваффақ гарданд.

То пайдоиши нахустин рӯзномаи тоҷикӣ, адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик моломоли руҳия ва оҳангҳои публисистӣ буд. Ғайр аз ин асарҳои томи бадеӣ –публисистӣ таълиф ёфта буданд, ба монанди «Сафарномаи»-и Носири Хусрав ва «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш. Ин гуна асарҳои назарияпардозони илми журналистика ба даври то журналистӣ ё то матбуоти тоҷик нисбат медиҳад. Чунин марҳилаи афкори публисистиро ҳар як миллате паси сар кардааст, ки дорои таърихи тӯлонӣ ва суннати ғании адабиёти хаттӣ мебошад.


„БУХАРАИ ШАРИФЪ"
بخارای شریف
غاية آمال

Дар Аврупо «матбуоти даврӣ соли 1609 ва тибқи баъзе маълумотҳое, ки соли 1605 таввлид шудааст. Дере нагузашта, аз пайи аврупоиён, нақши бузурги матбуоти давриро дар ҳаёти ҷомеа, халқу миллатҳои дигар низ дарк намуданд. Яъне қариб сад сол баъд аз пайдоиши аввалин рӯзнома дар Аврупо (Олмон) таъсиси матбуоти даврӣ бо сураъат дар мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ (аз ҷумла минтақаҳои мусулмоннишин оғоз гардид; Миср соли 1827, Туркия соли 1831, Эрон соли 1837, Қрим соли 1883 аввалин рӯзномаи форсӣ соли 1798 дар Ҳиндустон ба номи «Ахбор» таъсис ёфт. Рӯзномаи «Бухорои Шариф» низ новобаста, ки нашри он дер давом накард, аввалин рӯзномаи тоҷикӣ ба шумор рафта, дар пешрафти ҷомеаи онвақта нақши асосӣ гузоштааст. Ҳамасола дар сар то сари ҷумҳурӣ 11-март ҳамчун рӯзи матбуот ҷашн гирифта мешавад.

# ТАРОНАҲОИ БАҲОР

Эй навбаҳори гулфишон, шод омадӣ, шод омадӣ,
Бар покмарзи тоҷикон, шод омадӣ, шод омадӣ.
Дар шеърҳои Рӯдакӣ, бошад хувайдо ҳусни ту,
Илҳомбахши шоирон, шод омадӣ, шод омадӣ.

Эй баҳори сабзу тар, хуш омадӣ, хуш омадӣ,
Эй ҷамоли баҳру бар, хуш омадӣ, хуш омадӣ.
Аз қадамҳоят ҳама гул мекунад,
Эй арӯси гулбасар, хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Зи кӯи ёр меояд насими боди Наврӯзӣ,
Аз ин бод гар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.

## НАВРӮЗ-РАСМИЯТИ ҶАҲОНӢ ПОЙДО КАРД

Дар сиёсати фарҳангии давлат дар даврони Истиқлол эҳёи ҷашну маросимҳои миллӣ, ҷашнҳое, ки дар давоми асрҳо ваҳдат ва ягонагии маънавии мардумро ҳифз карда, муҳимтарин арзишҳои ҷаҳоншинохтии онҳоро аз замон ба замоне интиқол додаанд, аз мақоми арҷманде бархурдор аст. Бузургдошти ҷашни Наврӯз дар сарҳати ин иқдомоти фарҳангофарин қарор дорад. Таваҷҷӯҳи хос дар сатҳи сиёсати давлатӣ ва барномаҳои расмии таҷлили ин ҷашни бостонӣ суннатҳои наврӯзиро дигарбора эҳё намуд, ба як иди доманадори умумихалқӣ табдил дод, ки шукӯҳу ҷалолаш сол ба сол меафзояд. Иди Наврӯз аз қадимтарин давраҳои таърихи тоҷикон сарчашма гирифта дар давоми ҳазорсолаҳо бо вуҷуди дигаргуниҳои куллӣ дар низоми сиёсиву давлатӣ, дину оину ақоид асолати маънавӣ ва арзишҳои таърихии худро маҳфуз доштааст.

Расмияти ҷаҳонӣ пайдо кардани иди Наврӯз тасдиқи ҳамин воқеияти таърихист, тасдиқи сиришти умумиинсонии Наврӯз аст, ки дар масири асрҳо фарҳанги тамомиёре ба вуҷуд оварда буд. Эҳёи суннату фарҳанги Наврӯз бо моҳияти умумибашарии он аз муҳимтарин самараҳои Истиқлолияти давлатист, ки ғояи ваҳдати миллиро то ба ҳадди маърифати ваҳдати ҷаҳонӣ вусъат ва иртифоъ бахшид.

Президенти Тоҷикистон ҳоло яке аз сарварони ташкили ҷашни Наврӯз дар чанд кишвари ҳамсоя аст. Соли 2011 бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Президентҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва ғайра, инчунин намояндагони мардуми ин кишварҳо дар Эрон ҷамъ омада, ҷашнро оғоз карданд. Бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон қарор шуд, ки Сарварони он кишварҳо ва намояндагони мардумони халқҳои гуногун ҷашни Наврӯзро соли 2012 дар Тоҷикистон таҷлил кунанд.

Ин пешниҳод бо иродатмандӣ истиқбол шуд ва ин сол дар мамлакати мо ин ҷашн дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида шуд.

**Ш.Назарова, омӯзгори кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»**

## АБДУЛҲАМИДИ ХАТЛОНӢ

### РӮЗИ НАВ

Рӯзи нав бо хандаи гулдухтарон сар мешавад,
Бо нишоти тозаи пиру ҷавон сар мешавад.
Бо гулистони баҳори гулфишон сар мешавад,
Бо суруди дилнишини ошиқон сар мешавад.

Рӯзи нав бо пухту паз дар хонадон сар мешавад,
Рӯзи нав бо шӯхиҳои кӯдакон сар мешавад.
Рӯзи нав бо бахшиши ранҷишҳои ҳамдигар,
Бо қабули дӯстони меҳрубон сар мешавад.

Навбаҳорон кишту кори деҳқон сар мешавад,
Навбати бедорӣ аз хоби гарон сар мешавад.
Кор меҷӯшад миёни боғу саҳрои диёр,
Рӯзи нав бо нони гарми рӯи хон сар мешавад.

Рӯзи нав бо нағмаи паррандагон сар мешавад,
Рӯзи нав дар шаҳру деҳи тоҷикон сар мешавад.
Бо садои карнаю сурнай, бо шеъру суруд,
Рӯзи нав дар кишвари ҷаннатмакон сар мешавад.

## *МАРҲАБО НАВРӮЗИ АҶАМ!*

Омад-омади фасли баҳор ба дилҳо беқарорӣ меорад. Чунки дар ин фасли сол табиат аз нав зинда мегардад ва ҷомаи сабзу рангоранг ба бар мекунад. Одамон бошанд баъди аз сар гузаронидани рӯзҳои сарди зимистон омадани рӯзҳои гарму офтобиро беқаророна интизорӣ мекашанд. Шояд Наврӯз ном гирифтани ин ҷашни миллӣ низ ба ин интизориҳо алоқамандие дошта бошад.

Пайдоиши Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳанд. Шоҳ Ҷамшед сайри ҷаҳон намуда, ба Озарбойҷон мерасад ва фармон медиҳад, ки барояш тахти шоҳӣ тайёр намоянд. Тахти шоҳро дар ҷойи баландтарин баробари нури офтоб мегузоранд. Шоҳ Ҷамшед ба сараш тоҷи шоҳӣ ниҳода бар тахт мешинад. Гавҳарҳои дар тоҷи шоҳӣ мавҷудбуда бо шуъои Офтоб бархӯрда, равшании Офтобро бениҳоят зебо ва рахшон менамоянд ва атроф мунаввар мегардад.

Мардум ин манзараро дида бениҳоят шод мегарданд ва он рӯзро **Рузи нав** эълон менамоянд. Аз ҳамон замон сар карда мардумон ин рӯзро ҷашн мегиранд ва онро Наврӯз номгузорӣ мекунанд.

Наврӯз таърихи бештар аз шашҳазорсола дошта, расму суннатҳои он ҳанӯз пеш аз дини Ислом вуҷуд дошт. Наврӯзро мардумони ориёӣ ба таври махсус ҷашн мегиранд. Дар ин рӯз хони идона ороста, онро бо таъомҳои гуногун оро медиҳанд. Таъомҳои наврӯзӣ аз **шир, биринҷ, гандум, гушти мурғ ва моҳӣ** тайёр карда мешаванд. Одамон рӯи хони наврӯзиро бо **Ҳафтшину Ҳафтсин** оро медиҳанд, ки аз гузаштагон то ба мо омада расидааст.

Аз Наврӯзи имсолаи ҳазорсолаи нав мардуми тоҷик умеду орзуҳои зиёд доранд. Ман низ дар қатори онҳо хоҳони онам, ки Наврӯз яъне ин ҷашни қадимаю ҳамешаҷавон барои мардуми мо ҳамдигарфаҳмӣ, хайру баракат, бахту саодат, рӯзгори нек ва ваҳдату ягонагӣ орад.

***Назарова Назира Саидқодировна***
***саромӯзгори кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот»***

НУРАФШОН
Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ
Абдуалиев Бахтиёр

ТАРРОҲ
Ҷураев Рустам

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Хайрулло Назаров
Диловаршо Исоев
Кибриё Мирзоева
Зарина Шарифова

Нишонаи мо: 735140, шаҳри Қӯрғонтеппа куч. Бобоҷон Ғафуров -27 Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
Телефонҳо:918-95-22-51, 918-67-43-18. E-mail: Juraev-rustam@mail.ru. Web: www.det.tj
Рӯзнома моҳе як маротиба дар Маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.